# Тоҷикистон – Донишандӯзии амн ва солим

***Мусоидат ба донишандӯзии амн, солим ва дуруст дар мактабҳои Тоҷикистон***

23-юми октябри соли 2018

## Пасманзар

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) мактабҳои маҳаллиро бо маводи таълимӣ ва иттилоотӣ дар мавзӯъҳои омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ, беҳдоштӣ, ва оби тозаву тозагӣ таъмин намуда, дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳояш дар ин мактабҳо маъракаҳои иттилоотӣ баргузор мекунад. Тавассути ин иқдомҳо доираи ҷалби мардум ба фаъолиятҳои устуворӣ васеъ гардидааст. Маълумоти бештар доир ба ин фаъолиятҳо дар торнамои расмии ҶҲАТ дастрас аст.

Созмонҳои дигар низ дар самти мазкур фаъолият мекунанд.



Манбаъ: Pierre Thiriet for Mercy Corps, https://ec.europa.eu/echo/blog/tajikistan-disaster-risk-reduction-begins-schools_en

## Ҳадаф

ҶҲАТ мехоҳад донишандӯзии солим ва амнро дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф, ЮНИСЕФ, Бунёди рушди Оғохон, Наҷоти кӯдакон, Мерси Корпс, ва созмонҳои дигар ба сатҳи нав барорад. Ҳадафи ниҳоӣ ҷалби ҳамаи мактабҳои Тоҷикистон ва мардуми ҳамон маҳалла ба ин барнома мебошад. ҶҲАТ мехоҳад ба омӯзгорон ёрӣ диҳад, то бо истифода аз дарсҳои мавҷуда дониши мактаббачагонро доир ба бехатарӣ, тандурустӣ ва устуворӣ боло бардоранд.

## Ниёз

Вазоратҳои маорифи кишварҳои гуногун ба Федератсияи байнулмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (ФБҶ СС ва ҲА), ҳамчун ба як созмони пешсафи ҷаҳонӣ, ки миллионҳо ихтиёрии ҷавон дорад, муроҷиат карданд, то дар таҳияи маводи таълимии мактабӣ дар мавзӯъҳои бехатарӣ ва тандурустӣ ёрӣ бидиҳад.

ҶҲАТ ва шабакаи шариконаш метавонанд:

1. донишу маълумоташонро барои мусоидат ба таҳияи маводи мазкур пешниҳод кунанд;
2. ҳамроҳ бо вазоратҳо ва мактабҳо таълими мавзӯъҳои мазкурро роҳандозӣ намоянд;
3. омӯзгорони маҳаллиро бо ихтиёриёни маҳаллии бахшҳои ибтидоии ҶҲАТ бипайванданд, то
    a. донишҳои андӯхта доир ба устуворӣ ва омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ, ба монанди ироаи ёрии аввал, баҳогузорӣ, нақшаи оилавии вокуниш ба ҳолатҳои изтирорӣ ва ғайраро дар амал бисанҷанд;
    b. бехатарӣ ва омодагии мактабҳоро бисанҷанд.
4. донишҳои андӯхташударо бо гувоҳномаҳо тасдиқ кунанд, (масалан, давраҳои омӯзишии ёрии аввал).

# Сохтор

Феълан, ЧҲАТ барномаҳои омӯзишии бархе аз мактабҳои ҳамкорро бо ибтикорҳои устуворсозии маҳалла, ба монанди омодагӣ ба офатҳо, оби тоза, беҳдоштӣ ва тозагӣ, мепайвандад. Сохтори ин барнома, ки ҳадаф дорад, тамоми мактабҳои Тоҷикистонро фаро бигирад, аз ин шакл иборат аст.

## Сатҳи миллӣ

Дар ин лоиҳа, ЧҲАТ ҳамроҳ бо Вазорати маориф, Вазорати тандурустӣ, ва EMERCOM маводи таълимӣ доир ба бехатарӣ, тандурустӣ ва устуворӣ таҳия карда, ба мактабҳо пешниҳод мекунад.

## Сатҳи ноҳиявӣ

Вазорати маориф ҳар сол барои омӯзгорон дар сатҳи ноҳиявӣ давраҳои бозомӯзӣ баргузор мекунад. Шарикон барои ин давраҳо маводи таълимӣ таҳия мекунанд ва дар асоси дархост тренер мефиристанд.

## Сатҳи маҳаллӣ

Омӯзгороне, ки дар давраҳои бозомӯзӣ иштирок кардаанд, метавонанд маводи лозимаро аз феҳраси маводи пешниҳодӣ интихоб карда, дар дарсҳо истифода баранд. Омӯзгорон, ҳамчунин, метавонанд ба бахшҳои ибтидоии ЧҲАТ муроҷиат карда, омӯзишҳоро дар амал татбиқ намоянд.

## Сатҳи деҳа

Ба мактаббачагон, ҳамчунин, вазифаҳои хонагӣ дода мешавад, то ҳамроҳ бо аъзои хонаводааш иҷро бикунад, масалан, нақшаи оилавии вокуниш ба офатро таҳия кунанд. Онҳо, ҳамчунин, имкон хоҳанд дошт, то ба тамринҳои бахшҳои ибтидоии ЧҲАТ ҷалб гарданд ва ё дар дарсҳои расонидани ёрии аввал иштирок кунанд. Ба ин васила, бо ҷалби мактаббачагон, аъзои хонаводаи онҳо низ ба устувортар сохтани ҷомеа ҷалб мегарданд.

## Дониш – тамрин – иқдом = устуворӣ

Барои пайванди беҳтари донишу тамрин ба устуворӣ, ин ибтикор ҷавонон, мактабҳо ва ҷомеаҳоро бо ёрии шарикон ба ҳам пайваста, онҳоро мустаҳкамтар мегардонад.



# Тафсилот

## Бахшҳо

Барномаи “Донишандӯзии амн ва солим” дар самтҳои зерин фаъолият мебарад:

- Ёрии аввал
- Принсипҳои башардӯстӣ
- Фарогирии ҳамагонӣ, ҳалли низоъҳо (ҷавонон ба ҳайси намунаи рафтори нек)
- Бехатарӣ дар роҳ
- Тандурустӣ, ғизо, пешгирӣ аз бемориҳои нагузаранда
- Оби тоза, беҳдоштӣ, тозагӣ
- Омодагӣ ба офатҳо ва мутобиқат ба тағйири иқлим



Манбаъ: Save the Children, Central Asia programme site

## Фаъолиятҳо дар сатҳи маҳаллӣ

**+ Мактабҳо**

- Ҷалби мудирони мактабҳо ва муаллимон ба ин ибтикор
- Таъсиси Гурӯҳи мудирияти ҳолатҳои изтирории мактаб (бо пайвандӣ ба Кумитаи маҳаллии мудирияти ҳолатҳои изтирорӣ / Бахши ибтидоии ҶҲАТ)
- Бознигарии нақшаи омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ, ва нақшаву нишонаҳои эвакуатсияи мактаб
- Пешниҳоди таҷҳизоти омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ (ба монанди балонҳои оташнишонӣ)
- Таҳияи тахтаҳои иттилоотӣ ва маводи дигари огоҳсозӣ
- Тамрину санҷишҳо

**+ Мактаббачагон**

- Иштирок дар дарсҳо мувофиқи маводи пешниҳодӣ
- Фаъолиятҳо дар даруни синфхона
- Санҷишу тамринҳо (намоиши донишу малакаашон)
- Озмунҳо (расмкашӣ, иншо, саҳнаҳои расонидани ёрии аввал)

**+ Маҳалла** (фарзандон ба аҳли хонавода меомӯзонанд)

- Иҷрои вазифаҳои хонагӣ бо аҳли оила (ба монанди таҳияи нақшаи оилавии вокуниш ба офат)
- Иштирок дар фаъолиятҳои ихтиёриёни ҶҲАТ (дарсҳои ёрии аввал, муайянсозии хатарҳо ва осебпазирияти маҳалла)

## Фаъолиятҳо дар сатҳи миллӣ

Шабакаи васеъи шарикон бунёд шуда, созмонҳои ҳамкор стратегияи муштараки миллӣ ва маҳаллиро муайян мекунанд. Ин стратегия дар заминаи имкониятҳо ва фаъолиятҳои мавҷуда таҳия мегардад ва тавассути механизмҳои мавҷуд (ба монанди Вазорати маориф) омӯзгорону мактаббачагонро фаро мегирад.

# Иртиботи ин лоиҳа ба Эътилофи як миллиард барои устуворӣ

Дар рӯбарӯи афзоиши осебпазирӣ ва бо назардошти пешрафти фанновариҳои нав, мо ҳанӯзам ба қадри кофӣ аз зарфиятҳои мардум барои беҳтар кардани амният ва тандурустии онҳо истифода намебарем.

Эътилофи як миллиард барои устуворӣ (1BC) имконияти фавқулодаеро барои истифодаи муассир ва пайваста аз тамоми нерӯ ва дониши шабакаи ҳамкорони мо фароҳам меорад, то мардум низ ба занҷираи шарикони мо пайваста, ба фаъолиятҳои устуворсозӣ ҷалб гарданд. Эътилофи 1BC ҳукуматҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон, ва лидерони дигари ҷомеаро дар ҳамаи сатҳҳо бо ҳадафи устуворсозӣ муттаҳид мекунад.

Эътилофи 1BC аз ҷониби ФБЦ СС ва ҲА роҳандозӣ шуда, ба он аллакай Бунёди кӯдакони СММ (UNICEF), Барномаи ҷаҳонии ғизо (WFP), Ибтикори иттиҳоди тиҷорат (Connecting Business initiative) ва дигарон дар сатҳҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ пайвастаанд. ҶҲАТ барномаи "Донишандӯзии амн ва солим"-ро ба ҳайси саҳми Тоҷикистон барои ҳадафҳои 1BC пешниҳод кардааст.

## Чаро ба ин ибтикор ниёз пайдо шуд?

- Хатарҳо ва осебпазирии ҷомеаҳои бисёре ҳанӯз зиёд аст
- Роҳҳалҳои маҳаллӣ бояд ба гунае сохта шаванд, ки муддати бештар таъсир расонанд
- Шабакаҳои мо тавонмандии ироаи ёрии беҳтар ба роҳҳалҳои маҳаллӣ ва таъсири бештарро доранд, ки ҳанӯз ба қадри кофӣ истифода намешавад
- Чораҳои инфиродӣ ва ҷомеавӣ бояд ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ мутобиқ бошанд

## 1BC чист?

*То соли 2025 ҳадди ақал як миллиард нафар дар саросари ҷаҳон бо талошҳои худашон дар баробари хатарҳо ва офатҳо устувортар хоҳанд буд.*

- 1BC - ибтикори ҷаҳонии устувории ҷомеаҳо буда, фазои мусоидро барои ҳамкории муштараки мардум ва ҷомеаҳо ҷиҳати роҳандозии зиндагии амнтар, солимтар ва хушбахттар, ҳатто дар рӯбарӯи мушкилҳо, фароҳам меоварад.

## Чаро бояд ҳамроҳ кор кунем?

| Равиши осон барои ҷалби ҳамкорон ва муттаҳидсозии талошҳо | Тақвияти иқтидори созмон дар самти устуворӣ | Тақвияти табодули дониш ва манбаъҳо |
|---|---|---|
| Таҷрибаҳои мо нишон медиҳанд, ки талошҳои бузурги роҳҳалҳои устуворсозӣ шарикони гуногунро ба ҳам меорад, ки метавонанд бо ҳам табодули таҷриба кунанд ва манобеъи молию дастрасӣ ба ёриҳои баъдиро пешниҳод кунанд. | Ҳеҷ созмоне ба танҳоӣ ба ҳамаи талабот ҷавобгӯ буда наметавонад. Эътилофи 1BC ба аъзояш имкон медиҳад, то ҳамкориҳоро тақвият бахшида, ба мушкилот посух гуфта тавонанд ва ҳадди аксар устувории ҷомеаро таъмин намоянд. | Эътилофи 1BC тавассути табодули таҷрибаву дониш ва манбаъҳо зарфияти кормандон ва ихтиёриёни шуморо беҳтар гардонида, ҳамкориҳоятон бо шариконатонро тақвият медиҳад. |

Дафтари ФБЦ СС ва ҲА дар Тоҷикистон: Кӯчаи Умар Хайём *120, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+992 37) 224 00 33, (+992) 93 839 0000. Факс: (+992 37) 224 85 20. Имейл*: shamsudin.muhudinov@ifrc.org, www.ifrc.org.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон: Кӯчаи Умар Хайём *120, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: +992 37 224-14-16, 224-03-74. Факс: +992 37 224-44-33. Имейл*: redcrescent.tj@gmail.com, торнамо: www.redcrescent.tj.